Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www.ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки дар шароити кунунӣ барои афзоиши самараи меҳнат роҳу усулҳои гуногун мавриди истифода қарор дода мешаванд, аммо муҳимтарини онҳо низоми комили ҳавасмандгардонии меҳнат мебошад. Ҳавасмандгардонии меҳнат омили мустақими рушди корхонаҳои саноатӣ дониста шуда, дар заминаи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба пешрафти ҳамаҷонибаи корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ҷой доштани шароиту имкониятҳои мавҷуда, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ ин таъмини пешрафти корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар онҳо мебошад.

Дар заминаи таҳлили вазъи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ тамоюл ва ҳолати кунунии фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии вилоят аз тарафи муҳаққиқ муайян ва асоснок гардидааст. Ҳамзамон омилҳои мустақим ва ғайримустақими ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддӣ таъсиррасон муайян карда шуда, оид ба такмили механизми ҷорикунии намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар субъектҳои соҳаи саноати минтақаи таҳқиқотӣ хулосаю тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардидааст. Ғайр аз ин, саҳми шахсии докторанти PhD дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз ҷамъоварии маълумот, банизомдарорӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва муқоисаи онҳо дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва роҳандозии ҷиҳатҳои имконпазири он дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон арзанда мебошад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмию назариявии меҳнат ва ҳавасмандгардонии он фаҳмиши меҳнатро бо мазмуни зерин пешниҳод намудааст: меҳнат офарандаи неъматҳои моддӣ ва ғайримоддие мебошад, ки аз ҷониби қувваи кории дорои дониш, малака ва истеъдоди гуногуни неъматофарӣ ва бо назардошти тафовути муайяни ҳосилнокӣ адо карда мешавад. Аз нигоҳи муаллиф ҳавасмандгардонӣ ин омили бавуҷудорандаи майлу хоҳиши корманд ба фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки рушди фаъолияти корхонаро дар заминаи истифодаи пурраи нерӯи ҷисмонӣ ва зеҳнии хеш таъмин менамояд.

Ба андешаи муаллиф дар шароити муосир низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоят бояд тавре амал намояд, то ҳосилнокии меҳнати хусусияти инноватсионидоштаро таъмин кунад.

Ин гуфтаҳо мубрамияти мавзуъро нишон дода, мураккабӣ ва гуногунсоҳа будани масъалаи низоми ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро тасдиқ менамояд.

Дуруст ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф усулҳои мушаххаси илмиро дар ҷараёни кор истифода бурдааст, ки заминаи назариявӣ ва пояҳои бунёдии назарияҳои илмӣ иқтисодро нишон медиҳанд. Инчунин муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан илмӣ ва методӣ муаммоҳои низоми ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноати ҷумҳурӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

-муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ба шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст;

- дар кори илмӣ иштибоҳҳои услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор қайд карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки автореферати диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901

Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳамдамзода Х.А.

Имзои Ҳамдамзода Х.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ. А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222) 2-54-81, 2-22-53, E-mail:bgu-1978@mail.ru